**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи «Таҳлили сохториву маънoии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод шудааст**

Истилоҳоти гистология яке аз қисматҳои густурдаи низоми истилоҳоти муосири забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ташкил медиҳад. Вай ҳамчун ҷузъи муҳимми луғати махсус ва илми тиб, воситаи аслии тавсиф, тасниф ва мубодилаи иттилоот байни мутахассисон маҳсуб меёбад. Дар шароити ҳамкориҳои илмӣ ва академии байналмилалӣ, ки зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор доранд, истифодаи истилоҳоти дақиқ дар соҳаи тиб муҳим арзёбӣ мегардад. Мутаассифона, мавҷудияти тафовутҳои сохторӣ ва семантикӣ байни истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад дар фаҳмиши дақиқи мафҳумҳо ва таълимоти илмӣ монеа гардад.

Аз ин рӯ, ба таври саҳеҳ муайян кардани ҷанбаҳои сохторӣ ва семантикии истилоҳоти мазкур ва, дар ин замина, омузиш ва таҳқиқ намудани истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои асосии диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ ба шумор меравад. Аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи сохторӣ-семантикии истилоҳоти гистология дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои таҳияи луғатҳо ва дастурамалҳои таълими махсус ва ҳамоҳангсозии забоншиносии самти гистология мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, ин таҳқиқот метавонад ба рушди илми гистология, беҳтаргардонии таълим, таҳияи маводди омузишӣ ва ба ҳамкориҳои байналмилалии тиббӣ саҳми назаррас гузорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Набизода Азиза Абдунабӣ соли 2005 ба факултети филология, шуъбаи «Лингвистика ва муошират байнифарҳангӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2010 донишгоҳи мазкурро бо дипломи «аъло» аз рӯйи ихтисоси «лингвист-тарҷумон» хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филология қабул карда шудааст. Айни ҳол Набизода Азиза Абдунабӣ ба ҳайси омузгори кафедраи забонҳо ва ходими илми МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» фаъолият намуда истодааст.

Муҳтавои диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа дар як поя қарор гирифта, истилоҳоти гистология ва нақши онро дар ташаккули истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба масъалаи истилоҳоти гистологӣ ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз, барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омузиши истилоҳоти гистологияро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо таҳқиқи фарогиру амиқ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти мазкурро дар асоси маводди илмӣ-таълимӣ ва таъмини муоширати муассири илмӣ байни мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ муайян месозад. Барои ба ҳадаф расидан кӯшиш намудааст, ки нахуст марҳилаҳои рушди истилоҳоти мавриди назарро бо баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои муътамади илмӣ рӯйи кор орад, ҳамчунин, дақиқият, равшанӣ ва фаҳмо будани истилоҳот барои ҷомеаи тиббӣ ва таъсири онҳо ба ҷомеаи илмӣ ва истифодаи онҳо дар муоширати касбиро собит созад.

Унвонҷӯ Набизода Азиза Абдунабӣ дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, аввалин маротиба дар он таҳқиқи таҳлили муқоисавии семантикӣ ва сохтории истилоҳоти гистологияро баррасӣ намудааст. Дар таҳқиқот раванди ташаккул ва инкишоф, инчунин, вазъи муосири истилоҳоти гистология таҷассум гардида, хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии воҳидҳои истилоҳӣ муайян карда шудаанд, ки имконият медиҳанд, то хусусиятҳои системавии истилоҳоти мазкур нишон дода шаванд.

Ҳамчунин, хусусиятҳои луғавии истилоҳоти мазкурро бо назардошти таърихи баромад ва дараҷаву мавқеи истифодаи он зарур዆ дониста, аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон гурӯҳбандӣ намудааст. Дар ин замина, муродифшавии баъзе истилоҳоти гистологияро қайд намуда, дар самти корбурди онҳо аз имкониятҳои луғавии забон бархурдор будан ва дар самти тиб истифодаи онҳоро пешниҳод менамояд.

Ҷанбаи таҳқиқ дар ин самт имконият медиҳад, ки тафовути сохторӣ ва маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил карда шаванд; принсипҳои ташаккули истилоҳоти илмӣ дар забони тоҷикӣ мушаххас карда шаванд; тартиби луғатҳо, дастурамалҳо ва маводди таълимӣ беҳтар гардад.

Масъалаҳо ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия барои ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосир норасоии луғатҳои тахассусӣ ва камбуди маводи мукаммали соҳавӣ ба забони тоҷикӣ, зарурати таҳқиқи муқоисавӣ ва танзими истилоҳоти гистологиро ба миён меорад. Аксарияти истилоҳоти соҳаи гистология бевосита аз забонҳои англисӣ ва лотинӣ иқтибос шуда, аксар вақт бидуни назардошти хусусиятҳои сохторӣ, грамматикӣ ва табиати маънои забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ин хотир, омузиш ва таҳлили сохториву маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба муҳиммияти мавзуъ ва дараҷаи омузиши он аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ маълумот дода шуда, саҳми онҳо дар таъмини дақиқият, равшанӣ ва фаҳмо будани истилоҳот барои ҷомеаи тиббӣ ва илмӣ ҳамчун талаботи асосӣ баромад мекунад. Ҳамчунин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас таъкид гардида, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, маводи истифодагардида ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, зикр гардидаанд.

**Боби якум - «Вижагиҳои илмиву забонии истилоҳот дар таҳқиқоти муосир»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст ва дар он роҷеъ ба мафҳум, вазифа ва аломатҳои фарққунандаи истилоҳот асосҳои назарявии таҳқиқи истилоҳот, хусусиятҳои хоси истилоҳоти гистология дар равзани забоншиносии муқоисавӣ маълумот дода шудааст.

**Боби дуюм «Ҷанбаҳои маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур падидаҳои полисемия, синонимия ва омонимия баррасӣ шуда, зуҳуроти зидмаъноӣ ва воситаҳои ифодаи он дар низоми истилоҳоти гистология мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия, ки **«Ҷанбаҳои сохтории истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дорад, аз 3 фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур сохтори таркибии воҳидҳои истилоҳотии гистологӣ, инчунин мавқеъ ва хусусиятҳои истифодаи ихтисорот дар низоми истилоҳоти соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **4 мақолаи илмӣ** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин ифодаи мустақими дидгоҳҳои илмӣ ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ таъйид мекунанд.

Нуктаҳои илмӣ аз натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи **Набизода Азиза Абдунабӣ** дар мавзуи «**Таҳлили сохториву маънои истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,** доктори илмҳои филологӣ,
дотсент, директори Муассисаи давлатии таълимии
«Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат
дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» Каримзода Шуҳрат Бозор

**Нишонӣ:**
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара
Ҷамоати деҳоти Корез, деҳаи Раҳмониён
Телефон: (+992) 938 370022
E-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

«16» 01 соли 2026.

Имзои Каримзода Шуҳрат Бозорро
тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои «Мактаби Президентӣ
барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи
вилояти Хатлон» Умаров Лутфулло Довудович

**Нишонӣ:**
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
Ҷамоати деҳоти Корез, деҳаи Раҳмониён
Телефон: (+992) 909509933
E-mail: m-p.d@mail.ru

«16» январи соли 2026.